**Гарчанде интихоботи парлумонии Тоҷикистон баъзе алтернативаҳои сиёсиро пешниҳод намуд, фазои ташвиқотӣ маҳдуд ва барои ҳисоби одилонаи овозҳо кафолат набуд, мегӯянд нозирони байналмилалӣ**

Душанбе, 2 марти соли 2015 – Мувофиқи изҳороти пешакии нозирони байналмилалӣ, ки имрӯз пешниҳод шуд, баъзе номзадҳо алтернативаҳои сиёсиро таъмин намуданд, аммо интихоботи парлумонии 1 март дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар фазои маҳдуди сиёсӣ гузашт ва натавонист барои номзадҳо шароити баробарро таъмин намояд. Гарчанде давлат дар назди худ мақсади гузаронидани интихоботи демократиро пеш гузошта, ба Қонун дар бораи интихобот баъзе тағйирот ворид карда бошад ҳам, маҳдудияти ҳуқуқ барои пешбарӣ намудани номзадӣ, озодии сухан, ҳуқуқи муттаҳидшавӣ ва дастрасӣ ба воситаҳои ахбори омма имконияти интихоби озодона ва огоҳро ҳад гузошт.

«Иштироки қувваҳои сиёсии гуногун дар ин маърака, мутаассифона, барои расидан ба натиҷаи интихоботи ҳақиқатан рақобатпазир, кофӣ набуд. Муносибати нобаробар аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ фазои баҳсу мунозираро оид ба проблемаҳои воқеии Тоҷикистон маҳдуд намуд”, гуфт Мариета Тидеи, ҳамоҳангсози махсус ва роҳбари Миссияи нозирони кӯтоҳмуддати САҲА. “Аксарияти интихобкунандагоне, ки ман дирӯз бо онҳо сӯҳбат доштам, сазовори муҳокимаи ҳақиқӣ оиди ояндаи кишвари худ ҳастанд”.

"Ман бо хушҳолӣ назорат кардам, ки овоздиҳӣ ором ва сулҳомез гузашт, аммо камбудиҳои назаррас, аз ҷумла овоздиҳии чандкарата, қаткунии якчанд бюллетен ва риоя накардани тартиботи ҳисобкунии овозҳо кафолати ҳисоби дурусти овозҳоро дода наметавонад”, гуфт Норберт Неусер, роҳбари ҳайати Ассамблеяи Парлумонӣ. «Ман даъват менамоям, ки мақомоти ҳокимияти давлати тағйироти заруриро ба раванди овоздиҳии шаффоф ва боэътимод ҷорӣ намоянд."

Сарфи назар аз мавҷудияти интихоби сиёсӣ, ташвиқот дар муҳити ба назоратшаванда гузаронида шуд, чунки муқаррарот имконияти номзадҳоро барои гузаронидани маъракаи ташвиқотӣ маҳдуд намуд. Дар рафти ташвиқоти интихботӣ тафовут байни Ҳизби ҳокими Ҳалқӣ-Демократии Тоҷикистон ва ҳукумат хеле норавшан буд. Мувофиқи мушоҳидаҳои нозирон нисбати баъзе ҳизбҳои мухолиф ҳолатҳои даъво ва монеаҳо, инчунин фишори сиёсӣ нисбати овоздиҳандагон вуҷуд дошт.

Фарогирии нобаробарӣ аз ҷониби васоити ахбори оммаи давлатӣ, гузоришҳои манфӣ нисбати Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон ва набудани баҳсҳои пурмазмуни сиёсӣ ба қадри назаррас имконияти овоздиҳандагонро барои интихоби воқифона маҳдуд сохт. Васоити ахбори оммаи давлатӣ, ягона васоити ахборест, ки тамоми кишварро фарогир буда, аз ташвиқоти муҳорибон гузоришҳо надода, диққати зиёдро ба мақомотҳои давлатӣ ҷудо намуд.

«Гарчанде баъзе беҳбудиҳо, мисоли тағйироти ба Қонун дар бораи интихобот воридкарда ба қайд гирифта шуданд, аммо ҳоло ҳам бартариҳои қонунӣ сӯиистифода мешаванд. Барои ба амал баровардани ӯҳдадориҳои демократии худ, Тоҷикистонро зарур аст, то дар ҳама қувваҳои сиёсӣ муносибати баробарро ҳам дар қонун ва ҳам дар иҷроиши он дошта бошад” гуфт ҷаноби Гейр Беккеволд (Норвегия) роҳбарии ҳайати АП САҲА. "Ман аз он хушнуд гаштам, ки барои интихобкунандагон имконияти интихоб ҷой дошт ва умедворам, ки дар оянда барои гузаронидани маъракаи боз ҳам пурҷӯштар фазои мусоид фароҳам оварда мешавад."

Тағйирот, ки соли 2014 ба Қонуни дар бораи интихобот ворид карда шуд, як чанд тавсияҳои Дафтари САҲА оид ба Институтҳои Демократӣ ва Ҳуқуқи Башар (САҲА/ДИДҲБ) дар бар мегирад, вале барои ба мувофиқа овардани Қонун дар бораи интихобот бо ӯҳдадориҳои САҲА, дигар ӯҳдадориҳои байналмиллалӣ ва стандартҳо ислоҳоти минбаъда лозим аст. Дар мазмуни Қонун дар бораи интихобот асосҳои муҳим оид ба интихобот мавҷуданд, лекин мувофиқи гуфти нозирон, чаҳорчӯбаи ҳуқуқии интихобот равандро пурра танзим наменамояд ва дар дар ҷабҳаҳои алоҳидаи он норавшанӣ вуҷуд дорад. Қонун дар аксари мавридҳо махсусан ба тавре маънидод карда мешуд, ки он озодии баён, ҳуқуқи муттаҳид шудан ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро маҳдуд менамуд

Интихобот дар доираи мӯҳлатҳои муқарраркардаи қонун баргузор гардид. Ҷаласаҳои Коммиссияи маркази интихобот ва райъпурсӣ (КМИР) барои нозирон ва васоити ахбори омма кушода буданд. Ба ин нигоҳ накарда, таъин намудани коммиссияҳои интихоботӣ аз ҷиҳати шафоффият нокофӣ буда, нақши бештар ба мақомоти давлатӣ, бахусус дар коммиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавӣ, дода шуд. Дар натиҷа, намояндагони мухолифин аз набудани эътимод ба бетарафии мудирияти интихобот изҳори назар намуданд. КМИР маъракаи мукаммали воқифгардонии овоздиҳандагон, бахусус усули нави овоздиҳиро тавассути васоити ахбори давлатӣ барпо намуд. Тренингу омӯзишҳо барои коммиссияҳои поёнӣ имкон фароҳам оварданд, ки масоили васеи мурофиавӣ возеҳу равшан матраҳ карда шаванд.

Мувофиқи гузориши нозирон, ҷараёни ба қайд гирифтани овоздиҳандагон фарогир буда, овоздиҳандагон имкон доштанд, ки қайди худро санҷанд, аммо ҷой надоштани усулҳои ҷилавгирикунанда барои пешгирии овоздиҳии чандкарата эътимоднокии раванди интихоботро ба таври васеъ коста мегардонад.

Номзадони ҳамаи ҳашт ҳизб ба қайд гирифта шуданд, вале танҳо ду ҳизб миқдори кофии номзадҳоро ба қайд гирифт, ки эҳтимолан метавонанд мавқеи бештарро дар парлумон ба даст оранд. Баъзе аз талаботҳои пешбаришавии номзадҳо мухолифи ӯҳдадориҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мебошанд, аз он ҷумла, талаботҳои марбут ба маълумот, ҷои истиқомат, забондонӣ, иттиҳом ба ҷиноят ва тафтишот. Чун иқдоми нек, гарави интихоботӣ дар интихоботи мазкур ду маротиба кам карда шуд, вале баъзе аз ҳизбҳо изҳори назар намуданд, ки он то ҳол барои номзадӣ монеа эҷод менамояд. Барои дастгирии занҳои номзад тадбиру ҷораҳои махсус мавҷуд набуд, миқдори ками занҳо дар рӯйхатҳои ҳизбҳо дар мавқеи дастёбшаванда қарор дода шуданд.

“Интихоботи демократии воқеӣ наметавонад бидуни баҳсҳои аслӣ дар ВАО, маъмурияти мустақили интихобот ва муҳити озод аз репресия баргузор шавад.  Мутаасифона, гуфтаҳои боло ҷой надоштанд,” гуфт Миклош Ҳарасти, Раиси Миссияи дарозмуддати САҲА/ДИДҲБ оиди назорати интихоботӣ. “Хоҳиши самимии сулҳ аз тарафи ҳамаи тарафҳо ба ман умед мебахшад, ки раванди ислоҳоти интихобот дар баррасии камбудиҳои ҷиддии мушоҳидакарда пеш меравад.”

***Барои маълумоти иловагӣ:***

Томас Раймер, САҲА/ДИДҲБ, +992 98 91 877 32 ё +48 609 522 266, thomas.rymer@odihr.pl

Андреас Бейкер, АП САҲА, +992 98 796 0076 ё +45 60 10 81 26, andreas@oscepa.dk

Тим Боуден Ватсон, ПА, +992 98 918 7706 ё +32 496 599 470, timothy.boden@ep.europa.eu